# Шарҳи моҳонаи таваррум • Ноябри 2016

**Тавре ки интизор гардида буд, сатҳи таваррум дар моҳи ноябри соли 2016 нисбат ба моҳи қаблӣ ба андозаи 0,4 банди фоизӣ афзуда, нишондоди моҳонаи он ба 0,6% баробар гардид. Сатҳи таварруми солона (дар 12 моҳи охир) бошад дар муқоиса ба моҳи октябр (6,1%) кам тағйир ёфта, 6,2%-ро ташкил дод.**

Бояд қайд намуд, ки сатҳи мазкури таваррум дар маҷмуъ тамоюли ҳамасола ва мавсимии худро идома дода, он дар доираи дурнамои муқарраршуда ва нишондиҳандаи мақсаднок, ки дар интиҳои сол сатҳи таварруми солона дар доираи то 7,0% пешбинӣ гардидааст, ҷараён дорад.

**Идомаёбии раванди тағйирёбии муътадилии талаботи дохилӣ ва қурби пули миллӣ ба интизориҳои нисбатан пасти таваррумӣ мусоидат карда истодааанд, ки инро метавон дар пӯёи (динамикаи) таварруми аслӣ мушоҳида кард.** Аз рӯи таҳлилҳои маълумоти оморӣ, дар сохтори тағйирёбии нисбии таваррум таъсири омилҳои ғайримонетарӣ, аз ҷумла омили мавсимӣ ва нарху тарифаҳои хизматрасонии маъмурӣ асосӣ буд. Дар навбати худ, аз тарафи омилҳои фундаменталӣ ба монанди, барзиёдии талаботи маҷмӯӣ, интизориҳои таваррумии истеъмолкунандагон ва ё омили қурбӣ, фишорҳо ба таваррум дар сатҳи паст қарор доштанд.

**Аз ин лиҳоз, сатҳи таварруми аслӣ[2], ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат нишон медиҳад, дар моҳи ноябр тибқи ҳисобҳо дар умум муътадил буд ва бо арзёбии солона андаке поён рафта 3,3%-ро ташкил дод (0,2% м/м[1]).** Ба раванди мазкур болоравии муътадили нархҳои маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ масолеҳи таъмир ва сохтмон (-1,1% с/с[1]) ва моводи шустушӯй (4,3% с/с,), инчунин хизматрасонии бозорӣ (тандурустӣ 1,9% с/с ва маишӣ 4,9% с/с) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Баръакси моҳи октябр, дар моҳи ноябр гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд, ба болоравии қисмати ғайриаслии таваррум мусоидат кард.** Аз ҷумла, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, аз қабили сабзавот (4,4% м/м ё 8,9% с/с), тухм (3,7% м/м ё 20,8% с/с) ва меваҷот (1,7% м/м ё 20,7% с/с) афзоишёбӣ доштанд. Дар навбати худ, нархҳои биринҷ (-4,8% м/м ё -8,0% с/с), шакар (-1,9% м/м ё 19,9% с/с) ва гӯшти гов (-0,5% м/м ё -3,4% с/с) дар моҳи ноябр коҳиш ёфтанд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми аслӣ ва ғайриаслӣ, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)






Новобаста аз поёнравии нархҳои хизматрасонии нақлиётӣ (-5,0% м/м ё 0,2% с/с), дар сохтори таварруми ғайриаслӣ нархи хизматрасониҳои маъмурӣ бинобар қиматшавии тарифаҳои қувваи барқ (16,3% м/м ё 28,6% с/с) афзоиш ёфт.

Дар баробари ин, нархи маводи сӯзишворӣ дар натиҷаи ба сатҳи мувозинатӣ баргаштани талаботу пешниҳод (гази моеъ -11,1% м/м ё 8,9% с/с) нисбатан арзон шуд.

Дар маҷмуъ, дар давраи баррасишаванда сатҳи таварруми солона аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ ба андозаи 6,6 фоиз (0,7% м/м)[1] ва маҳсулоти хӯрокворӣ 6,1 фоиз (0,6% м/м) ҳосил гардид. Тарифаҳои хизматрасонии маъмуран муқарраршаванда бошад, то 5,4 фоиз (0,5% м/м) боло рафтанд.

**Тибқи таҳлиҳо интизор меравад, ки дар моҳи декабри соли равон омилҳои кӯтоҳмуддат, аз он ҷумла мавсимӣ таъсири худро ба сатҳи таваррум бештар мерасонанд. Новобаста аз ин, меъёри таваррум дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи пешбинишуда 7,0 фоизи солона нигоҳ дошта мешавад.**

**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)







[1] - м/м –моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
- с/с – сол дар сол (тағйирёбии солона)

[2] - Таварруми аслӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

**Намояи нархҳои истеъмолӣ**

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% 2015 | 2016 Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Ноябр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Таваррум** | **100.0** | **5.1** | **6.0** | **6.4** | **5.7** | **5.5** | **5.3** | **5.6** | **6.1** | **6.4** | **6.4** | **6.1** | **6.1** | **0.6** |
| **Маҳсулоти хӯроквории ва нӯшокиҳои беспирт** | **53.0** | **3.8** | **4.7** | **5.1** | **3.4** | **2.9** | **2.2** | **3.8** | **5.0** | **5.0** | **4.8** | **5.3** | **5.7** | **0.6** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17.3 | 9.1 | 10.7 | 8.6 | 2.9 | 0.8 | 1.4 | 0.5 | -0.7 | -1.5 | -1.5 | -0.9 | -1.3 | -0.9 |
| Биринҷ | 3.1 | 11.6 | 9.9 | 9.4 | 7.4 | 4.1 | 0.4 | -0.9 | -4.7 | -5.2 | -4.6 | -5.4 | -8.0 | -4.8 |
| Орд | 10.4 | 7.8 | 10.4 | 7.1 | -1.1 | -3.4 | -1.5 | -2.6 | -3.0 | -4.2 | -4.3 | -3.0 | -2.8 | -0.1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9.1 | -10.2 | -10.2 | -5.8 | -4.9 | -5.2 | -5.0 | -4.9 | -4.5 | -2.5 | -2.4 | -2.1 | -0.8 | -0.2 |
| Гӯшти гов | 6.2 | -14.3 | -14.5 | -8.8 | -8.0 | -8.4 | -8.4 | -8.4 | -7.9 | -5.2 | -5.2 | -5.0 | -3.4 | -0.5 |
| Тухм | 1.4 | 5.5 | 4.9 | 2.3 | 0.3 | -0.8 | 3.9 | 5.0 | 4.9 | 4.3 | -0.8 | 18.3 | 20.8 | 3.7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1.6 | 7.3 | 1.8 | 1.1 | 1.0 | 2.7 | 4.0 | 3.5 | 4.2 | 4.9 | 4.2 | 5.5 | 1.8 | 0.0 |
| Шир | 0.4 | 16.1 | 0.1 | -3.9 | -4.8 | -1.8 | 1.7 | -0.7 | 0.8 | 2.0 | -0.1 | 3.4 | -6.3 | -0.4 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 3.8 | 12.7 | 17.5 | 18.7 | 17.8 | 17.6 | 15.6 | 15.7 | 15.4 | 13.9 | 11.9 | 11.3 | 10.3 | -0.8 |
| Меваҷот | 4.4 | 12.3 | 8.1 | 8.6 | 14.4 | 14.3 | 10.7 | 9.5 | 13.0 | 22.3 | 31.0 | 29.1 | 20.7 | 1.7 |
| Сабзавот | 8.8 | -12.4 | -12.6 | -11.5 | -13.5 | -12.0 | -14.0 | -0.5 | 13.1 | 9.0 | 5.5 | 2.7 | 8.9 | 4.4 |
| Шакар | 1.9 | 19.3 | 34.3 | 30.7 | 28.8 | 24.6 | 27.0 | 27.9 | 21.9 | 21.9 | 21.8 | 22.7 | 19.9 | -1.9 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1.1 | 13.7 | 15.5 | 16.0 | 19.4 | 20.3 | 23.5 | 24.0 | 22.0 | 20.2 | 20.2 | 20.1 | 19.2 | 0.6 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0.9** | **14.9** | **14.9** | **16.9** | **16.9** | **11.7** | **11.7** | **11.7** | **13.9** | **13.9** | **20.4** | **19.4** | **16.5** | **0.5** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1.5** | **15.9** | **15.4** | **17.7** | **18.8** | **19.1** | **23.0** | **19.5** | **17.1** | **16.1** | **15.4** | **16.0** | **14.9** | **0.2** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30.5** | **7.9** | **8.5** | **8.8** | **9.5** | **9.7** | **10.3** | **9.4** | **8.1** | **8.2** | **8.1** | **7.5** | **6.6** | **0.7** |
| Либос ва пойафзол | 10.2 | 9.2 | 15.0 | 15.6 | 16.1 | 16.5 | 18.6 | 18.5 | 17.2 | 17.3 | 16.9 | 16.6 | 15.4 | 0.7 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3.9 | 2.2 | 1.2 | 1.0 | 1.3 | 0.1 | 0.2 | 0.2 | -0.1 | -1.6 | -1.8 | -0.8 | -1.1 | -0.4 |
| Моводи шустушуй | 1.5 | 15.5 | 11.2 | 11.1 | 10.4 | 9.2 | 8.7 | 8.7 | 7.8 | 6.5 | 6.5 | 6.0 | 4.3 | 0.0 |
| Доруворӣ | 2.6 | 24.7 | 24.5 | 28.4 | 32.6 | 32.6 | 32.0 | 24.8 | 15.3 | 16.0 | 16.0 | 15.6 | 18.1 | 3.1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2.0 | -7.0 | 9.0 | 7.5 | 6.9 | 10.8 | 11.6 | 2.3 | 2.4 | 7.9 | 10.5 | 8.6 | 3.3 | -3.7 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1.5 | 19.0 | 20.3 | 17.1 | 17.1 | 17.1 | 17.1 | 17.1 | 17.1 | 17.1 | 17.1 | 6.1 | 3.7 | 4.5 |
| Васоити нақлиёт | 1.2 | -2.0 | -2.0 | -1.6 | -0.4 | -0.4 | -0.4 | -0.4 | -0.4 | -0.4 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодаба | 1.3 | 7.6 | 9.2 | 9.5 | 9.6 | 9.4 | 9.7 | 9.7 | 9.1 | 7.6 | 6.0 | 8.4 | 7.9 | 1.2 |
| **Хизматрасониҳо** | **14.2** | **2.2** | **4.1** | **4.4** | **4.5** | **4.6** | **4.8** | **2.8** | **4.4** | **6.3** | **7.0** | **4.4** | **5.4** | **0.5** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4.9 | 3.2 | 4.9 | 4.0 | 1.6 | 2.7 | 2.5 | 1.2 | 2.5 | 5.2 | 5.8 | 5.4 | 11.1 | 5.7 |
| Иҷорапулии манзил | 0.2 | 14.3 | 14.3 | 14.3 | 14.3 | 12.3 | 12.3 | 9.7 | 9.7 | 9.7 | 5.9 | 5.7 | 2.2 | 0.0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0.6 | 20.1 | 0.0 | 0.0 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 5.1 | 5.1 | 0.0 |
| Қувваи барқ | 2.5 | 0.0 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 28.6 | 16.3 |
| Оби гарм | 0.0 | 14.6 | 6.7 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 |
| Газ | 1.2 | -6.3 | 5.4 | 5.2 | -6.5 | 0.9 | 0.3 | -8.6 | -5.5 | 4.9 | 9.4 | 6.9 | -2.2 | -8.4 |
| Нақлиёт | 4.3 | -2.3 | 2.4 | 4.2 | 7.6 | 7.6 | 7.5 | 3.5 | 6.9 | 10.2 | 10.0 | 2.3 | 0.2 | -5.0 |
| Алоқа | 1.8 | 0.8 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.0 |
| Маориф | 1.2 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 12.1 | 11.8 | 11.3 | 0.0 |
| Тандурустӣ | 0.7 | 14.0 | 12.3 | 14.4 | 12.2 | 7.0 | 7.0 | 4.3 | 4.3 | 4.3 | 3.7 | 3.4 | 1.9 | 0.0 |
| Маишӣ | 1.5 | 12.3 | 11.9 | 10.1 | 9.9 | 8.8 | 11.6 | 11.1 | 11.1 | 10.7 | 8.2 | 7.5 | 4.9 | 0.8 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ*